Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз руи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи **Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ»,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз руи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне одатҳо дар муомилоти маданӣ бахшида шудааст.

Эҳёи арзишҳои миллӣ, ҳифз ва муаррифии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ барои баланд бардоштан ва таҳким бахшидани рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии мардум, бахусус наврасону ҷавонон хеле муҳим аст. Ба шарофати истиқлолият мо ба хотири баланд бардоштани худогоҳӣ ва худшиносии ҳамватанон ва муаррифии шоистаи миллати куҳани тоҷик дар арсаи ҷаҳон арзишҳои неки миллӣ, анъана ва расму оинҳои бостонии худро эҳё ва инкишоф дода истодаем. Яке аз чунин арзишҳои миллӣ ин одатҳои халқи тоҷик мебошанд, ки то имрӯз аҳамияти худро гум накарда, дар муомилоти маданӣ ҳамчун танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд.

Дар илми ҳуқуқушиносӣ нисбат ба одатҳои ҳуқуқӣ ақидаҳо кайҳо ташаккул ёфтаанд, ки тибқи онҳо одатҳо қадимтарин сарчашмаи ҳуқуқ мебошанд. Ҳануз то ташаккули давлатдорӣ қоидаҳои муайяни рафтор, одатҳои танзимкунандаи муносибатҳои байни одамон вуҷуд доштанд, ки онҳоро як навъ намунаи одатҳои ҳуқуқи номидан мумкин аст. Ин одатҳо бевосита дар байни иштирокчиён — шахсони алоҳида, бе ягон алоқаи миёнавӣ, унсурҳо ва асбобҳои техникӣ ба вуҷуд омадаанд. Ҳамзамон, ҳам он замон ва ҳам ҳоло барои сабти ин одатҳо дар васоити моддӣ талабот вуҷуд надошт ва надорад. Минбаъд бо ташаккули давлатдорӣ ва инкишофи

қонунгузорӣ як қисми одатҳои қаблан ташаккулёфта ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мубаддал шуданд, дар ҳоле ки меъёрҳои ҳуқуқии расмӣ низ фаъолияти худро қатъ накарданд.

Ҳуқуқи одатӣ яке аз зуҳуротҳои қадимтарин дар таърихи инсоният ба ҳисоб рафта, мушкилоти пайдоиш, ташаккул ва рушди он бисёрҷабҳа мебошад ва меъёрҳои он унсурҳои фарҳанги миллӣ дошта, хусусиятҳои онро инъикос мекунанд. Омӯзиши одатҳо, робитаи онҳо бо дигар сарчашмаҳои ҳуқуқ барои дарки раванди таърихии пайдоиши ҳуқуқ, инчунин идомаи рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳамияти муҳим дорад. Сарфи назар аз давомнокии мавҷудияти он, ҳуқуқи одатӣ танҳо дар аввали асри XIX мавзӯи таҳқиқоти ҷиддии илмӣ гардид, ки онро асосан этнологҳо ва таърихшиносон анҷом додаанд.

Тоҷикистон бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” яке аз давлатҳое, мебошад, ки одатҳоро ба одатҳои ҳуқуқӣ табдил дода, онҳоро аз маҳшавӣ ҳимоя намуд. Айни ҳол дар Тоҷикистон одатҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки онҳо ба як низом даровarda нашуда, иштирокчиёни субъектони муомилоти маданӣ пеш аз ҳама соҳибкорон ва дигар шахсони воқеӣ аз мавҷудият ва истифодаи он бебаҳра мондаанд. Аз ин лиҳоз, такмил додани қонунгузории ҶТ бо истифода аз қоидаи одатҳо ба ҳифзи арзишҳои миллӣ низ кӯмак мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумиҷумҳуриявӣ доир ба танзими расму оинҳои миллӣ ва анъанаву маросими динӣ аз 24 майи соли 2007 зикр намудаанд, ки «...мо имрӯз барои тамоман аз байн бурдан ё барҳам додани расму оинҳои халқӣ ва маросими динӣ ҷамъ наомадаем, балки мақсади асосиамон ин аст, ки дар баробари муайян кардани меъёрҳои баргузории онҳо ба раҳоии мардуми кишвар аз банди худнамоӣ ва таассубу хурофотпарастӣ оғози нек бахшем». Пас аз суханронии мазкур ва бо ташаббусси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва баъди муҳокимарониҳо ва пешниҳодҳои шаҳрвандон 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Таҷрибаи чандинсолаи амали Қонуни мазкур нишон дод, ки он барои ба низом даровардани анъана, маросиму ҷашнҳои миллию динӣ, инчунин дигар суннатҳои мардумӣ накши барҷаста гузошт. Санади мазкур барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ асос гузошта, суннатҳои диниву мардумиро ба танзим даровард, анъана ва маросиму ҷашнҳои миллиро мушаххасу дақиқ намуда, пеши роҳи хурофоту таассуб, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравиро гирифт ва ба ҷорӣ гардидани

низому тартиботи ягонаи баргузории чорабиниҳои милливу мардумӣ роҳ кушод».

Асосҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи одатҳо ва ё иҷозати онҳо аз ҷониби давлат дар муомилоти маданӣ як зумра проблемаҳоеро ба миён овардаанд. Агар ин аз як тараф аз ҷиҳати назариявӣ мавҷуд набудани таҳқиқотҳои назариявӣ илмӣ бошанд, аз тарафи дигар паст будани шуури ҳуқуқии ҳуқуқтатбиққунандагон ва иштирокчиёни муомилоти маданӣ мебошад.

Аз ин рӯ, таҳлил ва омӯзиши одатҳо дар муомилоти маданӣ ва муайян намудани нақши он дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи гузаронидани таҳқиқоти мазкур ва мубрамияти онро ташкил медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Нававарии хулоса, пешниҳодҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо таҳия гардидаанд. Диссертатсияи мазкур аввалин кори мукаммали илмӣ ба шумор рафта, дорои мазмуни ягона ва пайдарҳамии илмиро доро мебошад, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва натиҷаи он барои рушди илм, қонунгузории маданӣ ва дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бо одатҳои ҳуқуқӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Навгонии диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда, бо пешниҳод гардидани мафҳуми одатҳои муомилоти маданӣ ва хусусиятҳои хоси он, таносуби одатҳои муомилоти маданӣ бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, таснифи одатҳои муомилоти маданӣ аз рӯи омилҳои гуногун, муайян намудани шакли иҷозат ва эътирофи одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани одатҳои муомилоти маданӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ зоҳир мегардад. Таҳлилҳои гузаронидашудаи диссертант, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва омӯзиши илмии муаллиф аз мавқеи мустақил ва нуктаҳои шахсии ӯ дарак медиҳад. Муаллиф дар диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки танзими одатҳои муомилоти корӣ дар моддаи 5 КМ ҶТ доираи татбиқи одатҳои муомилоти маданиро маҳдуд мегардонад ё наметавонад ҳамаи одатҳои ҳуқуқиро дар бар гирад.

Навгонии рисолаи илмӣ барои асосноккуниву ошкор намудани нуктаҳои зерин мусоидат кард, ки пешниҳодҳои мазкур қобили таваҷҷӯҳ мебошад, аз ҷумла:

1) Мафҳуми ҳуқуқи одатӣ дар муомилоти маданӣ ҳамчун меъёр дар истифодаи мунтазами он аз тарафи шумораи номуайяни иштирокчиёни муомилоти маданӣ ифода карда шуда, хусусиятҳои хоси он ошкор карда шуданд.

2) Муаллиф дуруст қайд меанамояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми одатҳои муомилоти маданӣ вуҷуд надорад, ки дар ҳақиқат ин нуктаи назар дуруст мебошад ва мафҳуми пешниҳодгардидаи

одатҳои муомилоти маданӣ барои танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ӯ инчунин ибрози ақида менамояд, ки мутобиқи мазмуни моддаи 5 КМ ҶТ муайян намудани мафҳуми одатҳои муомилоти маданӣ ғайриимкон мебошад, зеро таҳрири амалкунандаи он танҳо ба муносибатҳои соҳибкорӣ бахшида шудааст, ки ин нуктаи назар қобили дастгирист.

3) Ҳамзамон қайд мегардад, ки таснифи одатҳои муомилоти маданиро метавон аз ҷанбаҳои гуногун тафриқа намуд, ки ин ақидаи муаллиф низ қобили дастгирист, чунки муҳимияти онҳоро аз рӯи сабти ҳуҷҷатӣ, аз рӯи ҳудуди татбиқнамоӣ ва амалкунӣ, аз рӯи шакли ифода дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст.

4) Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиш муаллиф дуруст ба хулоса омадааст, ки одатҳо муаллифи мушаххас надоранд ва маҳсули фаъолияти коллективӣ мебошанд ва одатҳо метавонанд аз рӯи ҳудуди пайдоиши худ аз ҳамдигар фарқ намоянд, яъне одатҳои ҳуқуқӣ аз фарҳанг, ахлоқ ва шуури ҳуқуқии ҳар як миллат вобастагӣ дорад.

5) Муаллиф шакли татбиқ, таҷассум ва иҷозати одатҳоро баррасӣ намуда, қайд кардааст, ки истифодаи одатҳои дар меъёрҳои қонунгузории мадании ҶТ пешбинигардида наметавонад ҳамчун шакли татбиқи меъёри ҳуқуқи одатӣ эътироф карда шаванд, зеро қонунгузор ба одате ишора мекунад, ки ниҳоят бояд риоя шавад, шакли одатии худро гум карда, ба меъёри қонун табдил меёбад.

6) Махсусан пешниҳоди муаллиф оид ба кодификатсияи ғайрирасмии одатҳои муомилоти маданӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ӯ дуруст ба хулоса омадааст, ки кодификатсияи ғайрирасмии амалияи савдои байналмилалӣ метавонад дар тафсири амалияи савдои байналмилалӣ барои ҳуқуқтатбиқкунии якхела истифода шавад ё метавонад усули инъикоси таҷрибаи тиҷорати байналмилалиро тавассути ҷамъбасткунӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ, инчунин барои эътирофи он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалии савдо мухим арзёбӣ гардад.

Хулоса ва нуқтаҳои асосии барои ҳимоя тавсияшудаи таҳқиқот аз он иборат аст, ки пажӯҳиши мазкур нахустин таҳқиқотест, ки аз саҳми мустақилонаи муаллиф дар баррасии масоили таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад. Нуқтаи муҳими наввоарии хулоса ва пешниҳодҳоро андешаҳои муаллиф оид ба таҳаввулот ва нақши одатҳо ва аҳамияти он дар замони муосир ташкил медиҳанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаю пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллифи рисола оварда шудаанд, илман асоснок мебошанд. Ҳамаи онҳо дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Тоҷикистон, кишварҳои хориҷӣ, инчунин омор ва амалияи судӣ таҳия гардидаанд. Дар ин замина муаллифи рисола ба таври васеъ андеша ва консепсияҳои гуногунро баррасӣ намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои худро манзур намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил аҳамияти муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии ташаккул ва инкишофи қонунгузории мадании Тоҷикистонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки пешниҳодҳои манзургардида оид ба баланд бардоштани нақши ҳуқуқии одатӣ, роҳҳои асосии ташаккулёбии инкишофи қонунгузории маданӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шаванд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Илова бар ин, аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии одатҳои муомилоти маданӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар танзими муносибатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тиҷорати байналмилалӣ низ нақши муҳимро мебозанд ва барои ҳалли баҳсҳо дар арбитраж ё суд ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, бо назардошти муҳити доимо тағйирёбандаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, омузиш, таҳлил ва истифодаи одатҳои муомилоти маданӣ як таҷрибаи зарурӣ барои шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкории муваффақ ва таъмини субот дар муносибатҳои тиҷоратӣ мегардад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи рисола, мафҳум ва моҳияти он дар 5 васоити таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ инъикос гардидааст, ки 7-тои онҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядодашуда ва 11-тоаш дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Ҳаҷми диссертатсия Анушервони Исрофил тибқи талабот ҷавобгӯ мебошад.

**Сохтори рисола** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи илмӣ дуруст ва мушаххас муайян гардида, мантиқан аз муқаддима, се боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз руи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди қонунгузории маданӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Боби якуми рисола **«Табиати ҳуқуқии одатҳо дар муомилоти маданӣ»** буда, аз чор зербоб иборат аст. Муаллифи рисола давра ба давра робитаи табуро ҳамчун инстинкт, инчунин сабабхои аз замонхои қадим то имруз ба он амал кардани одамонро тасвир кардааст. Одатҳо муҳимтарин ҷанбаҳои ҳаёти мардум, ҳатто тартиби тақсимоти хурокро дар байни аъзои ҷомеа танзим намуда, муҳимтарин чиз – мавҷудияти ҷомеаро таъмин мекард. Одатҳо қоидаҳои рафтор, яъне анъанаҳоеро муқаррар кардаанд, ки тибқи онҳо шахс бидуни таҳлили дигар роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилот амал мекунад ва онҳо ченаки мансубияти шахс ба гурӯҳ ва ҷомеаи муайян мебошанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки «одат» ва «ҳуқуқи одатӣ» синоним нестанд.

Боби дуюми диссертатсия «**Истифода ва иҷозат додани одатҳо дар муомилоти маданӣ**» буда, аз ду зербоби иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм «**Шаклҳои таҷассум ва татбиқи одатҳо дар муомилоти маданӣ**» ном дорад, ки дар он масъалахои истифода ва шаклхои ифодаи одатҳо баҳс карда мешавад.

Бо андешаи муаллиф метавон баҳс кард, ки дар низоми ҳукуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон преседенти судӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда намешавад, гарчанде ки таърихан дар самти низоми ҳуқуқии романӣ-германӣ қарор дорад. Дар асл, преседенти судӣ дар низоми ҳуқуқии мо вуҷуд дорад, аммо он аз преседентҳои судии дар низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, қарорҳои Пленумҳои Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ аз ҷиҳати роҳбарӣ ба мазмуни қарорҳои судҳои дигар эътибори преседенти судӣ доранд.

Ба андешаи мо, зербоби дуюми боби дуюм «**Проблемаҳои иҷозат додани одатҳо дар муомилоти маданӣ**» хеле ҷолиб баромадааст, ки дар он тартиби иҷозатдиҳии одатҳо дар муомилоти маданӣ дида мешавад. Дар он муаллиф ҳангоми ҳалли масъалаи қобили қабул будани одатҳо дар ҳуқуқ чор нуктаро таъкид кардааст: а) иҷозат ҳамчун санксияи давлатӣ; б) иҷозат ҳамчун эътирофи давлатӣ; в) иҷозат ҳамчун воситаи таъмини одатҳо тавассути маҷбуркунии давлатӣ; г) иҷозат ҳамчун воситаи мустаҳкам намудани давлатии одатҳо.

Боби сеюми диссертатсия «**Мафҳум ва моҳияти одатҳо дар муомилоти мадании байналмилалӣ**» буда, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум ба «**Одатҳои муомилоти корӣ ҳамчун як намуди муносибатҳо дар муомилоти байналмилалии маданӣ**» бахшида шудааст. Зербоби дуюми боби сеюм бошад, ба «**Табиати ҳуқуқии одатҳои муомилоти маданӣ дар муносибатҳои байналмилалии савдоӣ**» бахшида шудааст.

Муаллиф одатҳои савдои байналмилалиро таҳлил намуда, ду мафҳуми падидаи баррасишавандаро муайян мекунад. Мафҳуми аввал, мафҳуми анъанавии одатҳо мебошад ва мафҳуми дуюм бошад, мафҳуми одатҳоро дар муомилоти мадании байналмилалӣ надода, танҳо бо истифода аз мисолҳои амалияи байналмилалӣ хусусиятҳои одатҳоро номбар намуда, нақши махсуси одатҳоро дар муносибатҳои савдои байналмилалӣ нишон додааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **автореферат**ро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ҷойдошта, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб низ ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Аҳаммияти илмии навгонии дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ норавшан аст. Муаллиф дар ин навгонӣ пешниҳод намудааст, ки «...одатҳо дар фарқият ба дигар меъёру ҳуқуқҳои иҷтимоӣ шакли хаттиро талаб намекунад, яъне, ифодаи зоҳирии он - ин қоидаҳои муқаррарии рафтори доираи шахсони номуайян мебошад, ки муносибатҳои ногусастанӣ доранд, ки амали иштирокчиёни муомилоти маданиро танзим мекунанд.» (саҳ. 14).

Пешниҳоди мазкури муаллиф дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мутобиқат наменамояд, зеро ҳангоми ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ судя ба сарчашмаи эътирофшуда ё дар шакли хаттӣ сабшуда истинод оварда метавонад. Аз муқарраротн Кодекси мурофиавии иқтисодӣ ва граждани бармеояд, ки пешниҳоди далел ва ҳолатҳои исботшаванда дар мурофиаҳои мазкур ба тарафҳо вогузор карда мешавад. Аз ин рӯ, суд исботи мавҷудияти одатҳоро ба тарафҳо вогузор менамояд ва онро дар он сурат қабул менамояд, ки он дар ягон шакл ё ҳуҷҷат ифода ёфта бошад. Бинобар ин, пешниҳоди мазкури муаллиф асоснокқунии иловагиро талаб менамояд.

2. Муаллиф дар зербоби 2.2. рисолаи худ қайд намудааст, ки «...иҷозатдиҳӣ дар асоси қонунгузорӣ маъмулан ба ду зернамуд ҷудо мешавад. Якум – иҷозатдиҳии бевосита дар асоси қонунгузорӣ. Дар ҳолест,

ки дар Конститутсия ва ё қонунгузории дигар меъёри ба одатҳо ҳаволакунанда ҷой дошта бошад ва ё агар дар соҳаҳои муайяни ҳуқуқ истифодаи одатҳоро қонунгузорӣ пешбинӣ намуда бошад. Зернамуди дуюм – иҷозатдиҳии бавосита дар асоси қонунгузорӣ – танҳо дар ҳолати ҳаволакунии мустақим ба меъёри мушаххаси ин ва ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки истифодаи меъёрҳои одатиро дар ҳолати муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ муқаррар намудааст, ба назар мерасад.» (саҳ. 133).

Дар ин хулосабарории муаллиф масъалаи иҷозатдиҳии одатҳо ба тариқи истинод, баҳснок мебошад, зеро аз он муайян намудани татбиқи кадом намуди одат ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф оид ба ин масъала мавқеи худашро мушаххас намояд.

3. Муаллифи рисолаи илмӣ дар яке аз пешниҳодҳои худ қайд мекунад, ки дар маҷмӯаҳо гирд овардани одатҳо то як андозаи муайян аз рӯи натиҷа онҳоро бо кодификатсияи қонунҳо баробар мекунад ва дар назар дошта шудааст, ки дар ин ҳолатҳо аҳамияти ҳуқуқии одатҳо ба эътибори мақоми онҳо гирдоварда, такя менамояд. Муаллиф пешниҳод намудааст, ки ҳуҷҷатҳои ба монанди ИНКОТЕРМС, УНИДРУА ва Қоидаҳои ягонашудаи ПБС, ки кодификатсияи ғайрирасмӣ мебошад, барои татбиқ ва истифодаи он дар муносибатҳои тиҷорати хориҷӣ ва халли баҳсҳои аз ҷониби арбитраж ё судҳои иқтисодӣ дар сатҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.(саҳ. 124, 149).

Дар пешниҳоди мазкур муаллиф он ҳолатро ба инобат нагирифтааст, ки тибқи талаботи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо санадҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, пас чӣ гуна ҳуҷҷатҳои ғайрирасмии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешавад, чунки муқарраротӣ Конститутсия дар бораи ҳуҷҷатҳои расмӣ сухан меронад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Анушервони Исрофил ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду

тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Анушервони Исрофил сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Ҳамроев Ш.С.

Имзои «Ҳамроев Ш.С. » -ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

«17»___03___соли 2025

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 2275337
E-mail: shuxrat-hamro62@mail.ru